**Паёми мавлудии**
**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**
**ба кашишњои аъзам, кашишњо, порсоён ва њамаи фарзандони**
**боимони Калисои Православии Рус**

**Њазрати кашишњои аъзам, падарони гиромиќадр, роњибон ва роњибањои яздондўст, бародарон ва хоњарони азиз!**

Дар иди мунаввар ва саршор аз нишоти Мавлуди љисмонии Парвардигору Худованд ва Наљотдињандаи мо Исои Масењ њамаи шумо, азизонамро, сидќан шодбош мегўям. Дар ин шаби мунир мо њамагон бо дуо ин мадењаи малакутиро вирди забон мекунем, ки *«мужаи бузурге ба шумо мерасонам, ки дар шањри Довуд Наљотдињанда таваллуд шуд»* (Луќо, 2, 10-11).

Банї башар, ки дар айёми гунањкорї аз Худованд рўй гардонд, муљаддадан имконоти вањдат бо Холиќ ва Парвардигори худро ба даст даровард. Вуруди Фарзанди Худованд ба дунё – бо ихтиёри Худ фурўтан гаштани Ў то ба њадди омода будан ба марги пуразобу нангин - *«мамот, то дами мавти салиб»* аст (Ба Филиппиён, 2, 8). Худованд муљассам зода мешавад, то ки ба одамон муњаббати Худро зоњир намояд ва ба њар касе, ки хостори шунидани даъвати Ўст, барои дарёфти баракати зиндагї кўмак намояд.

Мањз аз ин рў иди кунунї бароямон умедвории халалнопазири кўмаки самовотиро дар тамоми њолатњои мушкилтарини зиндагиямон ато менамояд. Худованд, ки махлуќи Худро тарк накарда ва ба ў роњ ба сўи абадиятро боз намудааст, бароямон ба сурати Масењи Тифл – кўдаки маъсуме зоњир гардид, ки муњтољи таваљљуњ ва ѓамхорї буд.

Барои якояки мо зарур аст дар ќалби худ ин симои инљилиро мањфуз дорем. Худованди навзодро, ки дар охўр хобидааст, ба ёд оварда, мо имони ќавї ва умеди халалнопазирро ба Рўњи Худованд, ки њар инсонро ба сўи хайр рањнамун месозад, ба даст меоварем. Ва њатто агар дар њаётамон њељ иттикое боќї намонад ва њама чиз бебаќо ва номуътамад ба назар намояд, мо бояд равшан дарк кунем, ки Худованд ќодир аст бо нерўи файзбахши Худ дарду ранљ ва фаќри олами моро ба камоли саодат, нишот ва баракати атоњои рўњонї табдил дињад.

Дар љашни зуњури Наљотбахш андешањои имондорон ба гањвораи масењият, Замини Ќудсї, ки шарафи макони таваллуд, сукунат ва хидмати заминии Худованд будан барояш насиб гардидааст, нигаронда мешаванд. Њоло пайравони Масењ дар кишварњое, ки дар онњо воќеоти Таърихи ќудсї рух додаанд, ба хатарњои наве барои мављудияти суннатњои маънавии чандинасра рўбарў мешаванд. Дар рўзњои пурнури Мавлуд дар њаќќи бародарони њамдинамон, нигањдорандагони муќаддасоти бебањо, ворисони ривоёти нахустмасењиён сидќан дуо мекунем.

*«Ва агар як узв дард кунад, бо он њамаи узвњо дард мекунанд»* (ниг. 1. Ба Ќўринтиён, 12, 26). Ин суханони њаворї на танњо ба аъзои як ќавми калисо, як љамоати калисо дахл доранд. Албатта, онњо тамоми фарзандони Калисои Воњиди Ќудсї, Љомеъ ва Њаворї, Калисои Православиро, ки дар тамоми олам

густариш ёфтаанд, фаро мегиранд. Ваҳдати он на танҳо дар имони воҳиди ќудсии ниёкон ва робита дар Фарз аст, балки дар ҳамдардї дар мушкилот, дар хидмати беподош ба ҳамдигар, дар дуогўии ҳамдигар низ мебошад.

Соли гузашта дар ҳаёти бисёр кишварҳо ва халќҳо, аз ҷумла дар ҳаёти онҳое, ки дар сарзамини таърихии Рус зиндагї мекунанд, соли оддї набуд: бисёр рўйдодҳои фоҷеабор ва нобасомониҳо санҷише барои имону матонати мо буданд.

Аммо имрўз санҷишҳои аслї на дар бахшҳои моддї, балки дар бахшҳои маънавї сурат мегиранд. Он хатарҳое, ки дар сатҳи табиї ќарор доранд, ба рифоҳ ва ҳаловати ҷисмонї зиён мерасонанд. Онҳо ҷанбаи моддии зиндагиро муушкил намуда, дар айни ҳол ќудрат надоранд, ки ба ҳаёти маънавї зарари ҷиддї расонанд. Аммо маҳз ҷанбаи маънавї ба ситезаҷўии ҷиддии ҷаҳонбинии замони мо мувоҷеҳ мегардад. Ин ситезаҷўї барои маҳв кардани эҳсосоти ахлоќї, ки Худованд дар равони мо ҷо додааст, равона гардидааст. Имрўз мехоҳанд инсонро бовар кунонанд, ки танҳо вай меъёри ҳаќ аст ва ҳар кас ҳаќиќати худро дорост ва ҳар кас худ муайян мекунад, ки некї чисту бадї чист. Талош доранд ҳаќиќати Худовандї, яъне тафовути некиро аз бадї, ки бар мабнои ҳамин Ҳаќиќат бунёд ёфтааст, ба бетаваҷҷуҳии ахлоќї ва равобинии ҳама чиз, ки руҳи инсонҳоро хароб карда, онҳоро аз ҳаёти ҷовидонї маҳрум месозад, иваз намоянд. Агар офатҳои табиї ва амалиётҳои ҳарбї низоми зоҳирии ҳаётро хароб кунанд, релятивизми ахлоќї виҷдони инсонро фарсуда месозад, ўро ба маслуќи маънавї табдил медиҳад, ќонунҳои Яздонии ҳастиро таҳриф карда, робитаи махлуќ бо Холиќро халалдор месозад.

Барои мо лозим аст ба ин хатар, дар навбати аввал, ба воситаи имдод хостан аз Дўшизаи Пок ва зумраи авлиёҳои Худовандї мухолифат намоем, то онҳо ба василаи ҳимоят дар пеши сарири *Парвардигори Ќуддус ва Ҳаќ* (Ваҳй, 6, 10), ки акнун ба сурати Тифли навзод парастида мешавад, бароямон нерўе таманно намоянд, ки бар зидди гуноҳ, *«бар зидди фармонравоёни ин олами зулмот, бар зидди ќувваҳои рўҳии шарорат, ки дар афлок аст»* (Ба Эфсўсиён, 6, 12) мубориза барем. Фарќ кардани фиребу руъёҳои рифоҳи хокиро дар одатҳои зараровари мо, дар талошҳои ѓаразомез, дар васвасаҳои реклама, дар матнҳои дилхушкунанда ва сиёсї ёд бояд гирифт. Ҳамеша шунидани садои виҷдони худ, ки он ба мо дар бораи хатари гуноҳ ҳушдор медиҳад ва ҳамоҳанг сохта тавонистани аъмоли худ бо нукоти Инҷилї муҳим аст.

Акнун чун ҳамеша ҳар масеҳї муваззаф аст бо кирдори ҳаррўзаи худ арзиши тарзи ҳаёти парҳезгориро таъйид намояд, ба таври бошуурона ба релятивизми ахлоќї ва парастиши сарватѓундории сареъ мухолифат кунад. Шумораи касоне ҳам кам нест, ки ба сабаби мушкилоти иќтисодї барои дарёфти маош зодбумашонро тарк кардаанд ва дар муҳити носозгор афтода, муҳтоҷи ѓамхорї мебошанд. Дар баргузории умури иҷтимої, таблиѓотї ва калисоию ҷамъиятї ҳар кашиш ва фарди дунявї бояд ширкат дошта бошад. Ба ќавли ҳазрати Иннокентийи Херсонї: *«Танҳо дар партави Масеҳї метавон Худованд, худ ва оламро ба сурати ҳаќиќии онҳо дид; танҳо бо раҳнамоии Ваҳйи самовотї метавон ҷодаеро пайдо кард, ки ба сўи ҳаёти ҷовидонї раҳнамун месозад».*

Бо касоне, ки орзуманди тасаллои Масеҳӣ мебошанд, мо бояд гармию шодмонии иди кунуниро бо ҳам бубинем. Ҳар кадоми мо метавонад равшании ахтари Байт-Лаҳмро ба касони наздику дур – ҳамкорон, дӯстон, хешовандон ва ҳамсоягонаш расонад.

Дар соли гузашта дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, намояндагони доираҳои тиҷоратӣ ибтикороти зиёде оғоз гардиданд, ки метавонанд мардумро муттаҳид созанд, асосҳои мустаҳками маънавӣ ва ахлоқии ҳаёти ҷамъиятиро эҳё намоянд.

Барои рушди чунин ҳамкорӣ, ҳамчунин гувоҳи ягонагии арзишманди Калисои мо, боздидҳое, ки ман аз манотиқи Русия, Украина, Молдова кардам, мусоидат намуданд. Ин боздидҳо таҷрибаи маро дар намоз ва муоширот бо мардуми имоноварда ғанитар карданд ва умедворам, ки барои мустаҳкам гардидани пайвандҳои рӯҳонӣ низ ёрӣ расонданд. Дар намозгузориҳое, ки бо ширкати теъдоди зиёди мардум баргузор шуданд, нерӯи имон ва дуоҳо ба таври хоссае зуҳур ёфт, ки сабоҳати мазҳаби Православӣ, сабоҳату иқтидори *«ягонагии Рӯҳро дар иттифоқи осоиштагӣ»* (Ба Эфсӯсиён, 4, 3) ташкил медиҳад.

Якояки шуморо бо Мавлуди Масеҳ ва Соли Нав табрик намуда, дар дуоям бароятон аз Парвардигор нишоти ҳамешагиро таманно дорам, ки Ӯ муҷассам шуд, то *«мо ба ҳасби умед ворисони ҳаёти ҷовидонӣ гардем»* (Титус, 3, 7). *«Худои умед бигзор шуморо дар имонатон аз ҳар гуна шодӣ ва сулҳу осоиштагӣ пур кунад, то ки бо қуввати Руҳулқудс умедатон афзун гардад»* (Ба Румиён, 15, 13). Омин.

**Патриархи Маскав ва тамоми Рус**

Мавлуди Масеҳ,
соли 2011/2012
ш. Маскав